# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур ба масъалаи мубрами таърихи ҳуқуқ аз назари илмӣ-назариявӣ ва методологӣ ба мавзуоти муҳимми рӯз, ки барои илми ҳуқуқшиносии муосир аҳаммияти бориз дорад, ба ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик бахшида шудааст. Ҳарчанд ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошанд ҳам, то имрӯз доир ба ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик таҳқиқоти маҷмуӣ ва мукаммал вуҷуд надорад, аз ин рӯ, дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва методологияи таҳқиқоти ҳуқуқӣ мавзуи мазкур бори аввал анҷом дода шудааст.

Метавон гуфт, ки бо вуҷуди мубрам арзёбӣ гардидани омӯзиши таърихи ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик шуруъ аз аҳди қадим то замони муосир ба сифати падидаи ҳуқуқии дорои хусусиятҳои ба худ хоси ташаккул ва рушд, то имрӯз ин масъала аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳқиқи амиқ ва омӯзиши маҷмуӣ қарор нагирифта буд ва он мавриди омӯзиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ қарор дода нашудааст. Ҳарчанд

ҷанбаҳои гуногуни институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ аз назари таърихӣ аз ҷониби муҳаққиқон омӯхта шуда бошад ҳам, вале ҳеҷ яки онҳо ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии халқи тоҷикро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ ва таҳқиқ накардааст. Бо назардошти мушкилоти дар муносибатҳои оилавӣ ҷойдошта, бархӯрди тамаддунҳо, аҳаммияти бештар касб намудани ҳифзи арзишҳои миллӣ, махсусан, дар муносибатҳои оилавӣ, раванди милликунонии қонунгузории оилавӣ ва ҳифзи устувории оилаҳои ҷавон, зарурати омӯзиши таърихи ҳуқуқи оилавии тоҷикон беш аз пеш дида мешавад. Дар ин замина, омӯзиши масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ тибқи низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ, Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол аз нигоҳи илмӣ мубрам арзёбӣ гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик то имрӯз мавриди омӯзиши мукаммали илмӣ қарор нагирифтааст ва диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур нахустин таҳқиқоти илмӣ доир ба масъалаи мазкур ба ҳисоб рафта, ба ҳалли мушкилоти зерин равона шудааст, ки мубрамияти худро бо онҳо асоснок менамояд:

1) муайян кардани махсусияти пайдоиши никоҳ ва ташаккули он дар таърихи ҳуқуқи тоҷикон ва таҳлили меъёрҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ, ки муносибатҳои оилавиро танзим мекарданд;

2) муайян намудани навъҳои никоҳ тибқи ҳуқуқи одатӣ ва зардуштӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва таҳлили вазъи ҳуқуқии аъзоёни оила вобаста ба намуди никоҳ, инчунин ошкорсозии сабаби никоҳҳои эндогамӣ, экзогамӣ, никоҳ бо хешони хунӣ, бисёрникоҳӣ, якканикоҳӣ;

3) таҳлили фарзандхондӣ ҳамчун падидаи хуқуки оилавӣ, омӯхтан ва муайян намудани максади он дар давраҳои гуногуни таърихӣ, вазъи ҳуқуқии фарзандхондкунанда ва фарзандхондшаванда дар низоми ҳуқуки зардуштӣ ва максади фарзандхондкунӣ бештар таҳқиқ гардидааст;

4) баррасӣ намудани меъёрҳои батанзимдарорандаи никоҳ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ, мафҳум ва субъектони никоҳ таҳлил гардида, на ҳуқуқ, балки уҳдадорӣ будани никоҳ ошкор карда шудааст;

5) омӯзиши табиати ҳуқуқии бастани акди никоҳ ва мақоми ҳуқуқии тарафҳо дар никоҳ дар даврони амали ҳуқуқи исломӣ дар Тоҷикистони таърихӣ, таҳлили танзими ҳуқуқии никоҳ тибқи Қуръон, ҳадис ва фиқҳ қобили таваҷҷуҳ буда, синну соли никоҳӣ, розигии тарафҳо, шоҳид ва маҳр чун шартҳои никоҳ таҳлил гардидаанд;

6) таҳлили оқибатҳои ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда мувофиқи низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, шароити талоқдиҳанда вобаста ба вазъи саломатӣ ва ҳолати руҳии субъекти дорои ҳуқуқи талоқ таҳлил гардида, воқеъ гардидан ё нагардидани талоқ муайян карда шудааст, ки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад;

7) ошкорсозии хусусиятҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва накши онҳо дар танзими муносибатҳои оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ, баъди ташкилёбии Тоҷикистони шуравӣ бо муносибатҳои оилавӣ тавассути сарчашмаҳои позитивӣ ва бо дорои хусусияти ғайридинӣ танзим гардида, бо сарчашмаҳои ҳуқуки оилавии имрӯза умумияти хеле зиёд доранд;

8) таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии ҳамсарон ва ошкор намудани низомҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мувофиқи қонунгузории оилавии Тоҷикистони соҳибистиқлол, пас аз гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ аҳаммияти танзими муносибатҳои молумулкии ҳамсарон афзуда, дар баробари

низоми қонунӣ, низоми шартномавии танзими онҳо низ пешбинӣ гардидааст, ки аз мубрам будани масъалаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Нуқтаҳои зерини диссертатсия сазовори таваҷҷуҳ буда, мусбат арзёбӣ мегарданд:

- таҳлили танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ, муайян намудани вазъи ҳуқуқии фарзандхондкунанда, фарзандхондшаванда ва мақсади фарзандхондӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ;

- омӯзиши навъҳои никоҳ ва муайян намудани ҳолати ҳуқуқии тарафҳои никоҳ, вазъи ҳуқуқии фарзандон вобаста ба никоҳ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, инчунин таҳлили ҳамаҷонибаи никоҳи подшоҳзан ва ошкор сохтани ҳуқуқу уҳдадориҳои зане, ки дар чунин никоҳ қарор дошт;

- омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷараёни бастани ақди никоҳ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва ошкору баррасӣ намудани шартҳои бастани ақди никоҳ дар ин низоми ҳуқуқӣ ва муайян намудани вазъи ҳуқуқии валӣ дар бастани никоҳ;

- муайян намудани вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо-касоне, ки тибқи ҳуқуқи мусулмонӣ наметавонанд бо ҳамдигар ақди никоҳ банданд ва ошкорсозии оқибати ҳуқуқии никоҳ бо маҳрамҳои насабӣ, сабабӣ ва разоӣ (ширхора);

- таҳлили ҳамаҷонибаи никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ ва муайян намудани асосҳои қатъ гардидани никоҳ дар замони шуравӣ;

- таҳлили танзими ҳуқуқии аҳдномаи никоҳ, тартиби бастан, асосҳои қатъгардидан ва ҳуқуқу ваколатҳои тарафҳои он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- пешниҳоди муаллиф доир ба муайян намудан ва пас аз имтиҳон додани ҳуҷҷати махсус ба нафароне, ки ҳуқуқи бастани ақди никоҳи мусулмонӣ доранд ва муваззаф гардонидани онҳо оид ба қабл аз бастани ақди никоҳи динӣ ҳуҷҷат – далели тарафҳоро доир ба муроҷиат ба сабти

асноди ҳолати шаҳрвандӣ, қабул кардан ва сипас хутбаи никоҳ хондан ва барои нафароне, ки ин талаботро риоя намекунанд, муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Мубраммияти мавзуъ ҳамчунин дар он дида мешавад, ки дар шинохти фарҳанги муносибатҳои оилавӣ ба шаҳрвандон кӯмак намуда, умумиятҳои қонунгузории оилавӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ниёгонамон (махсусан, дар масъалаи маҳрамҳо дар низоми ҳуқуқи исломӣ ва монеаҳои акди никоҳ дар қонунгузории оилавии муосир) ошкор гардида, шаҳрвандонро ба риояи қонунгузории оилавӣ ҳидоят менамояд, инчунин эҳсоси масъулияти баланди падару модарро дар таълиму тарбияи дурусти фарзандон ҳам тибқи шариати ислом ва ҳам қонунгузории оилавии имрӯза бавуҷуд меорад, ки ин аз ҳар ҷониб қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Асосҳои мубраммияти мавзуи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукурро ифодакунанда хеле зиёд буда, бо далелҳои дар боло овардашуда анҷом намеёбанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ арзёбӣ гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода А.Х. дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, он дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Диссертатсияи Аминзода А.Х. бонизом таҳия гардида, дар он масъалаҳои пайдоиши никоҳ ва талоқ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ, вазъи ҳуқуқи молумулкии ҳамсарон, танзими ҳуқуқии никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ ва навъҳои никоҳу талоқ дар ҳуқуқи зардуштӣ, мафҳум ва шакли никоҳ, вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо, оқибатҳои ҳуқуқии

талоқ ва ҳуқуқу ухдадориҳои ҳамсарон дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ, никоҳ ва шартҳои бастани он, ухдадориҳои алиментдиҳӣ ва танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ дар Тоҷикистони шуравӣ, танзими муносибатҳои молумулкии ҳамсарон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун падидаҳои заминавии ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Пешниҳодҳои дар диссертатсия пешбинишуда, бо далелҳои қатъӣ дар такя ба адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ асоснок карда шуда, зарурати истифодаи онҳо бахри рушди ҳуқуқи оилавӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйихати адабиёт аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, нахустсарчашмаҳо, асарҳои мутафаккирони асрҳои миёна ва асарҳои илмии муосире иборат мебошанд, ки бахри пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани мавзуъ имконият додаанд.

Асосҳои методологии диссертатсияро усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ ба монанди усули диалектикӣ, низомнок, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, тафсири ҳуқуқӣ ва принсипҳои умумии адлпарастӣ, накукирдорӣ ва фардикунонии ҳодисаҳои хуқуқӣ истифода шудаанд, ки дар маҷмуъ ба муаллиф имконият фароҳм овардаанд, то ки пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои дорои аҳаммияти илмӣ ва амалиро пешниҳод созад.

**Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳос, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд,** ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Муаллиф пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсияро дар асоси таҳқиқоти илмию назариявӣ ва таҳлили объективонаи ҳодисаҳои ҳуқуқӣ таҳқиқ намудааст, ки дар натиҷа хулоса ва натиҷагириҳои муаллиф асосноку боэътимод пешниҳод гардиданд. Навгонии илмии таҳкикоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин таҳқиқоти маҷмуии илмӣ оид ба ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ буда, муаллиф дар такя ба ҳифзи арзишҳои миллӣ, сарчашмаҳои ҳуқукии таърихӣ, ки хоси низоми хуқуқи зардуштӣ, низоми ҳуқуқи

мусулмонӣ ва Тоҷикистони шуравӣ мебошанд, инчунин дар асоси қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо риояи принсипи таърихият дар таҳқиқи падидаҳои ҳуқуқӣ масъалаи мазкурро ба риштаи таҳлил кашидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд дар кушодани саҳифаҳои норавшани муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик саҳмгузор бошанд ва барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат намоянд. Ҳамчунин, таҳқиқоти муаллиф баҳри дарки дуруст ва ҳалли як қатор масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ аз қабили аҳаммияти ақди никоҳ дар муносибатҳои иҷтимоӣ, зарурати ҳифзи оила ва тарбияи фарзандон дар муҳити солими оилавӣ, шартҳои никоҳ ва танзими муносибатҳои молумулкии ҳамсарон заминаҳои воқеии илмиро фароҳам меорад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Нуктаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд дар таҳқиқотҳои илмӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, таълими фанҳои таърихи давлат в ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи занон, таърихи ҳуқуқи инсон истифода шаванд. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ баҳри баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи оилавӣ, ҳифзи арзишҳои оилавии гузаштагони миллати тоҷик, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, пойдории оила ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, инчунин дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқукии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар корҳои нашргардида. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар дар бисту ҳашт мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла нуздаҳ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва

илми Федератсияи Россия ва нӯҳ мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд:

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб ва чордаҳ зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо ва рӯйихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Ҳаҷми умумии рисолаи диссертатсионӣ 358 саҳифаро ташкил медиҳад. Сохтори диссертатсия ба мақсад. вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба рушди муносибатҳои никоҳу талоқ ва қонунгузории оилавӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйихати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Ташаккул ва рушди институтҳои ҳуқуқи оилавӣ дар аҳди бостон ва фарҳанги ҳуқуқии зардуштия»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби якум **«Муносибатҳои оилавӣ ва ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: махсусият ва вижагиҳо»** ном дошта, дар он муаллиф вижагиҳои ҳуқуқи оилавиро ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор додааст. Ӯ дуруст қайд менамояд, ки оила дар раванди иҷтимоъшавӣ таъсири назаррас гузоштааст, зеро маҳз оила ячейкаи хурди ҷамъият ба ҳисоб рафта, иҷтимоъшавӣ аз он сарчашма гирифтааст (с. 37).

**Зербоби дуюми боби якум «Муносибатҳои оилавӣ дар низоми ҳуқуқии бостон»** ном дошта, масъалаи шакл ва намудҳои никоҳи дар аҳди бостон арзи вуҷуд намуда, муайян ва таҳлил гардидааст. Аз назари

муаллиф дар аҳди бостон шакл ва намудҳои гуногуни никоҳ ва оила вуҷуд доштааст ва он дар ҳама минтақаҳои олам якранг набудааст, чунки муносибатҳои оилавӣ аз урфу одат ва таъриху фарҳанг сахт вобаста буда, зери таъсири онҳо шакл мегиранд ва ин унсурҳо дар рӯйи олам якранг нестанд ва ин мавкеъ аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ ва ҷонибдорист (с.45).

Зербоби сеюми боби якум **«Танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба бастани никоҳ ва ташаккули оила дар ҳуқуқи зардуштӣ»** ном дорад. Муаллиф дар ин зербоб муносибати ҳуқуқи зардуштиро ба никоҳ таҳлил намуда, қайд менамояд, ки баробари пайдоиши зардуштия муносибатҳои оилавӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии он танзим мегаштанд, никоҳ ҳамчун иттифоқи зану мард эътироф мегардид, ба тарафҳои никоҳ ҳуқуқи интихоби ҳамсар дода шуда буд, вале он бо ҳар роҳ маҳдуд карда мешуд. Мувофиқи таълимоти дини зардуштӣ барои бастани ақди никоҳ тарафҳо ҳатман бояд пайравони як дин, яъне дини зардуштӣ бошанд, танҳо сардори оила ҳуқуқи ба шавҳар додани духтарро дошт, ки он падар, фарзанди калонӣ ва ё касе, ки падар ӯро барои чунин кор интихоб намудааст, ба ҳисоб мерафтанд (С. 55-63).

Боби дуюми диссертатсия **«Намудҳои никоҳ ва талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва масъалаҳои танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм **«Мафҳум, шаклҳо ва намудҳои никоҳ ва талоқ дар Тоҷикистони таърихӣ»** ном дошта, дар он шаклҳо ва намудҳои никоҳ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар замони зардуштия навъҳои гуногуни никоҳ вуҷуд доштанд, ки онҳо аз никоҳи «подшоҳзан», «иканзан», «чокарзан», «сатурзан» ва «худсарзан» иборат мебошанд. Вазъи ҳуқуқии заноне, ки дар никоҳи подшоҳзан қарор доштанд, нисбатан беҳтар буда, баробари бастани чунин никоҳ зан тобеи оилаи шавҳар ё падари шавҳар мешуд,

кӯдаконе, ки аз ин никоҳ тавлид меёфтанд, фарзандон, ворисони қонунӣ ва давомдиҳандагони номи падари худ ҳисоб меёфтанд (С. 78-80).

Зербоби дуюми боби дуюм **«Мафҳум, максад ва тартиби фарзандхондӣ дар замони зардуштиён»** ном дорад. Диссертант ба маврид қайд менамояд, ки ҳуқуқи зардуштӣ меъёрҳоеро муқаррар намуда буд, ки ба мард роҳи ҳуқуқии пайдо намудани ворисро муҳайё мекард, то ин ки мард ҳатман соҳиби меросхӯр бошад, агар мард бе ворис фавтад бо ҳар роҳ ба ӯ нафареро ворис мегардониданд. Маъмултарин роҳи пайдо кардани ворис фарзандхондӣ ба ҳисоб мерафт, аз ҳамин ҷост, ки мақсади фарзандхондӣ на таълиму тарбияи кӯдак, балки пайдо кардани ворис буд. Дар баробариноболиғон шахсони болиғро фарзандхонд намудан маҳз ба он хотир иҷозат буд, ки мардони бефарзанд барои худ ворис пайдо кунанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм **«Мафҳум ва шакли никоҳ дар ҳуқуқи мусулмонӣ»** номгузорӣ гардида, ба таҳлилу баррасии манбаи пайдоиши никоҳ, мафҳуми никоҳ ва шакли бастани он дар ҳуқуқи мусулмонӣ равона шудааст. Диссератант ба маврид қайд менамояд, ки ҳуқуқи мусулмонӣ дар баробари манъ намудани алоқаҳои бебандубор ва берунازникоҳӣ, инчунин дурӣ ҷустан аз бастани никоҳ ва маҳрум намудани худ аз лаззати шаҳвониро иҷозат намедиҳад ва ба ин восита ҳар як мусулмонро ба бастани никоҳ ҳидоят менамояд. Ӯ инчунин таъкид менамояд, ки меъёрҳое, ки дар ҳуқуқи исломӣ муносибатҳои никоҳӣ-оилавиро ба танзим медароранд, барои тоҷикон аҳаммияти дуҷониба доранд: 1) муносибатҳои оилавӣ-никоҳии тоҷикон дар тӯли ҳазорсолаҳо дар асоси ҳамин меъёрҳо ба танзим дароварда мешуданд ва риояи ин меъёрҳо барои тоҷикон одат шуда буд; 2) таъсири ин меъёрҳо ба ҳаёти имрӯзаи оилавии тоҷикон то ҳол идома дорад, вале на ҳама

моҳияти ин меъёрҳоро дуруст мефаҳманд, дарки нодурусти онҳо бошад, боиси иҷрои нодуруст низ мегардад, мо бояд ҳатман ин меъёрҳоро омӯзем, зеро ки ин ба рушди қонунгузории муосир низ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ мусоидат хоҳад кард (С. 117, 127).

Зербоби дуюми боби сеюм **«Вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо дар бастани никоҳ ва оқибати ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда»** ном дошта, дар он се навъи маҳрамҳо-насабӣ, сababӣ ва разоӣ (ширхора) муайян ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар муносибатҳои оилавӣ таҳлил шудааст, инчунин воқеъ гардидан ё нагардидани талоқ аз тарафи шахсе, ки дар ҳолати мастӣ, беморӣ, маҷбурӣ ва оҷизӣ аз сухан гуфтан (гунгӣ) қарор дорад, ошкору баррасӣ гардидааст.

Андешаи муаллиф доир ба воқеъ шудан ё нашудани талоқ аз шахси ноқисулақл, ноболиғ ва маст ҷолиби диққат аст. Ӯ қайд мекунад, ки танҳо шахси оқилу болиғ ва ҳушёр метавонад занашро талоқ диҳад, аз ин рӯ, талоқ аз ноқисулақлу ноболиғ воқеъ намешавад. (С. 167-168).

Зербоби сеюми боби сеюм **«Ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар дар низоми ҳуқуқи исломӣ»** ном дорад.

Муаллиф ҳуқуқи занро бар шавҳар ва ҳуқуқи шавҳарро бар зан дар низоми ҳуқуқи исломӣ муайян намуда, қайд менамояд, ки ҳаққи зан бар шавҳар ин аст, ки шавҳар ӯро бо нафақа таъмин кунад, бо зан муомилаи нек дошта бошад, ҳаққи шавҳар бар зан ин аст, ки зан бо амри мард ба бистари ӯ дарояд, зан бе иҷозати мард рӯзаи нофила нагирад, ба суханони шавҳар итоат намояд. Ҳамчунин, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳифзи шараф ва обрӯи зан вазифаи мард мебошад, чунки зан қувват ва тавоноии ҳимояи худро надорад ва дар баробари ин дилкашу зебо буда тамаъ ба ӯ аз ҷониби мардони дигар ба таври доимӣ мушоҳида мегардад. Бинобар ин, бар шавҳар лозим аст, ба ҳадди қудрат ва тавоноии худ ҷон, мол ва обрӯи ҳамсарашро ҳифз намояд (С. 182-183).

Боби чоруми диссертатсия **«Рушди ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби чорум **«Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ ва хусусиятҳои он»** ном дошта, дар он вижагиҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ таҳлил гардида, қайд мегардад, ки ба сифати сарчашмаҳои аввалини ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои оилавии замони шуравӣ ду декрет шинохта мешавад, ки онҳо декрет «Дар борои никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва декрет «Дар бораи бекоркунии никоҳ» ба ҳисоб мерафтанд (С. 190).

Зербоби дуюми боби чорум «**Никоҳ: шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани он дар Тоҷикистони шуравӣ**» ном дошта, дар он мафҳуми никоҳ, шартҳо ва тартиби бастани он, асосҳои қатъ гардидани никоҳ ва мақомоте, ки салоҳияти бекор кардани никоҳро доранд муайян карда шудааст.

Муаллиф мафҳуми никоҳро дар асоси қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ пешниҳод намудааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки никоҳ ин иттифоқи ихтиёрӣ, озод, баробарҳуқуқ ва абадии зану мард мебошад, ки мақсади барпо намудани оила, тавлид ва тарбияи фарзанд дар руҳияи ахлоқи коммунистиро дошта, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва бо риояи шартҳои пешбинигардида дар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда ва ё мувофиқи маросимҳои динӣ (то 19 декабри соли 1929) баста шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавиро ба вуҷуд меоварад (с. 209).

Зербоби сеюми боби чорум «**Асосҳои танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ ва уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар замони шуравӣ**» ном дорад.

Диссертант меъёрҳои ҳуқукие, ки ба фарзандхондӣ бахшида шудаанд таҳлил намуда, доир ба хусусиятҳои онҳо қайд менамояд, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқукие, ки ба танзими

фарзандхондӣ равона гардида буданд, ин дар мадди аввал гузоштани манфиатҳои кӯдак ба ҳисоб рафта, танҳо ноболиғон ба фарзандхондӣ қабул карда мешуданд.

Муаллиф қайд менамояд, ки қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ ду тартиби пардохти алиментро пешбинӣ намуда буд: 1) муқарар намудани алимент бо фоиз аз маош ё даромади дигари мунтазам; 2) муқаррар намудани алимент ба маблағи устувор аз падару модаре, ки даромади номунтазами тағйирёбанда доранд. Барои рӯёнидани алимент ба фарзандони ноболиғ дар баробари ақди никоҳ, бо тартиби судӣ муайян кардани падарӣ асос шуда метавонист (С. 233, 240).

Боби панҷуми диссертатсия **«Ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: хусусиятҳои рушд ва аломатҳои нави танзими ҳуқуқӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур муаллиф бештар ба муносибатҳои молумулкии ҳамсарон диққат дода, танзими чунин муносибатҳоро тибқи қонунгузории оилавӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Қайд мегардад, ки молу мулки ҳамсарон дар асоси низоми қонунӣ ва низоми шартномавӣ танзим карда мешавад. Яъне, ҳам молу мулки шахсӣ ва ҳам молу мулки умумии ҳамсарон тавассути ду низом (қонунӣ ва шартномавӣ) танзим карда мешавад.

Муаллиф аҳдномаи никоҳро мавриди таҳлил қарор дода, тартиби бастан, тағйир додан ва бекор кардани онро муайян намуда, доир ба номгузории он андешаи ҷолиб ва қобили қабулро баён менамояд. Аз назари ӯ бо дарназардошти мафҳуми пешниҳоднамудаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тафовути аҳд ва шартнома мувофиқи қонунгузории мадани, инчунин номгузорӣ дар конунҳои оилавии давлатҳои хориҷӣ (Федератсияи Русия «брачный договор», Англия «marreage contract») ӯ зарур мешуморад, ки номи «Аҳдномаи никоҳ» бо «Шартномаи никоҳ» иваз карда шавад, зеро аҳдномаи никоҳ ҳам бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳам бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ба танзим даровarda мешаванд ва созиши тарафҳо дар ҳуқуқи маданӣ на аҳд, балки

шартнома эътироф карда мешавад. Илова бар ин, дар асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ бештар ба шартномаи маданӣ наздикӣ доштани аҳдномаи никоҳ, мушоҳида мешавад (С. 268-269).

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.** Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Автореферат** фишурдаи диссертатсия буда, дар умум мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

Мазмуни диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, қайд менамоем, ки дар маҷмуъ моҳияти мавзуъро ифода намуда, имконият медиҳад, ки масъалаҳои мубрами он баррасӣ гардад, вале аз нигоҳи мо баъзе нуктаҳои усулӣ ва андешаҳои шаклии муаллиф ба монанди ҳар як таҳқиқоти илмии дигар аз баъзе назарҳои баҳснок орӣ намебошанд. Ин нуктаҳо хусусият ва сифати баҳснамоиро дошта, қабул ва ҳазми он бидуни фикрҳои мухталиф то дараҷае мушкилӣ доранд. Маҳз ба хотири рӯшноӣ андохтани андешаи муалиф, баъзе масъалагузории онҳо мутобиқи матлаби илмӣ буда, олими ҷавони ташаккулёфтаистодаро дар оянда боз ба омодагии касбӣ ҳидоят менамояд:

1. Муаллиф дар матни диссертатсия ибрози ақида менамояд, ки «Маҳз падидаҳо ва анъанаҳои ташаккули оилаҳои ғайрииктисодӣ, пайдоиши шаклҳои ҳамзистии матрилокалӣ, патрилокалӣ ва гузариш ба оилаҳои иқтисодӣ ҳамроҳ бо табдили иқтисодиёти азхудкунанда ба иқтисодиёти истеҳсолкунанда дар арафаи ҳазораи I ва IV қабл аз мелод

дар сарзаминҳои таърихии тоҷикон гузариши бонизоми ҷамоаи авлодиро ба низоми сиёсӣ таъмин намуд». (саҳ. 37 дисс.).

Бояд тазаккур дод, ки дар матни диссертатсия вижаҳои зиёде истифода шудаанд, ки онҳо на ҳамеша ба ҳамагон фаҳмо мебошанд, ба монанди, «оилаҳои ғайрииқтисодӣ», «оилаҳои иқтисодӣ», «ҳамзистии матрилокалӣ, патрилокалӣ» ва ғайраҳо мебошанд, ки фаҳмиши матнро душвор мегардонанд. Масалан, маънои «оилаҳои ғайрииқтисодӣ», ин ҳанӯз мавҷуд набудани воҳидҳои мустақили истеҳсолӣ аст, асоси он на манфиати иқтисодӣ, балки хешутаборӣ, урфу одат, робитаҳои ҷинсӣ ва наслӣ мебошад; аъзои оила моликияти хусусӣ надоранд; меҳнат дастаҷамъона (дар доираи авлод ё қабила) анҷом меёбад; иқтисод асосан азхудкунанда аст (шикор, ҷамъоварӣ, моҳидорӣ). Оилаи иқтисодӣ бошад, чунин оила аст, ки ба воҳиди мустақили хоҷагидорӣ табдил ёфтааст ва асоси он: истеҳсол, моликият, тақсимоти меҳнат мебошад; моликияти оилавӣ (замин, чорво, олот) пайдо мешавад; меҳнат асосан дар доираи худи оила анҷом меёбад; иқтисод истеҳсолкунанда аст (кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ) ва ғайра мебошад. Умедворем, ки маънои дигар вижаҳоро муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкоро кушода медиҳад.

2. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки: «Бо дарназардошти рушди иқтисодиёт, зиёд гардидани сарчашмаҳои даромад, ғанӣ гардидани буҷаи оилаҳо ва зиёд шудани шумораи соҳибкорон, махсусан, занони соҳибкор, инчунин аҳаммияти муҳим доштани аҳдномаи никоҳ дар танзими муносибатҳои молумулкии зану шавҳар зарур мешуморем, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, бастани аҳдномаи никоҳ дар баробари шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳатмӣ гардонида шавад». (саҳ. 322 дисс.). Ба андешаи мо, ин пешниҳод ҷолиб

мебошад, аммо он ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро як дараҷа ба барпо намудани оила, бастани никоҳ ва талоқ маҳдуд мегардонад.

3. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки: «Ба мақсад мувофиқ аст, ки тибқи талаботи қонун ва ё санади дигари таъсирасонӣ нафароне, ки ҳуқуқи бастани ақди никоҳи мусулмонӣ доранд, аз ҷониби Маркази исломшиносӣ ва ё Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ карда шаванд ва ба онҳо ҳуҷҷати махсус, ки ҳуқуқи бастани никоҳи мусулмониро медиҳад, пас аз имтиҳон ва санҷиши донишҳои диниашон диҳад ва онҳоро муваззаф гардонад, ки қабл аз бастани ақди никоҳи динӣ ҳуҷҷат – далели тарафҳоро доир ба муроҷиат ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, қабул кунанд ва сипас хутбаи никоҳ хонанд ва барои нафароне, ки ин талаботро риоя намекунанд ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад». (саҳ. 323-324 дисс.). Ба андешаи мо, ин пешниҳоди муаллиф ба мазмуну моҳияти давлвти дунявӣ ва муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф мебошад. Чунки мутобиқи қисми 4 моддаи 8 ва моддаҳои 33, 34–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Яъне институтҳои оила, никоҳ ва талоқ институтҳои давлатӣ буда, дахолати иттиҳодияҳои динӣ маън мебошад.

4. Муаллиф инчунин пешниҳод менамояд, ки: «Мо чунин мешуморем, ки барои танзими ҳуқуқии нисбатан беҳтари фарзандхондӣ тағйири истилоҳи «фарзандхондӣ» ба ибораи «ба нигоҳубин гирифтани кӯдак» ва бекор кардани сирри фарзандхондӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро дар ин сурат ҳам ҳуқуқи кӯдак ба муошират бо падару модари биологӣ боқӣ мемонад ва ҳам қонунан фиреб додани кӯдакро аз байн мебарем. Агар ба махфияти фарзандхондӣ аз ҷониби дигар назар

кунем, қонун моро ба фиреб додан муваззаф намудааст ва ин фиреб боиси аз ҳуқуқи шинохтани волидайни худ маҳрум гардидани кӯдак мегардад, дар ҳоле, ки никоҳи бо роҳи фиреб басташуда беэътибор, шартномаи бо роҳи фиреб басташуда беэътибор, фиреби истеъмолкунандагон ҳуқуқвайронкунӣ, шоҳидии бардуруғ ҷиноят аст. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки сирри фарзандхондӣ бекор карда шуда, истилоҳи фарзандхондӣ ба ибораи «ба нигоҳубин гирифтани кӯдак» иваз карда шавад. (саҳ. 323 дисс.). Ба андешаи мо, ин пешниҳоди муаллиф хеле диққатҷалбкунанда мебошад, махсусан бекор кардани сирри фарзандхонӣ, ки ба як амали расмиётчигӣ мубаддал гаштааст. Аммо баъзе масъалаҳое мавҷуданд, ки онҳо омӯзиши иловагиро талаб менамоянд. Масалан, ба пешниҳоди муаллиф, агар номи «фарзандхондӣ» ба «ба нигоҳубин гирифтани кӯдак» иваз карда шавад, пас таълиму тарбия, масъалаҳои молумулкӣ, мерос ва ғайраҳо чӣ гуна ҳаллу фасл карда мешаванд, номаълум боқӣ мондааст. Чунки танҳо фарзанд метавонад, ба молу мулк ва мероси падару модари худ ҳуқуқ пайдо кунад. Ҳол он ки истилоҳи «фарзандхондӣ» шартӣ мебошад, вайро чӣ номе нагузорем, мазмуну моҳияти он тағйир намеёбад. Ё муаллиф андеша дорад, ки ин институт моҳиятан тағйир дода шавад?

Эродҳои зикргардида, хусусияти баҳснок дошта, дар баҳои мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд, муаллиф бошад, дар ҳалли масъалаҳои илмии баҳснок мавқеи устувори худро дорад, ки он хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз

натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон саҳми сазовори худро гузорад. Умуман диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми таърихи давлат ва ҳуқуқ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик таҳқиқ шудааст, ки барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносии кишвар аҳаммияти муҳим дорад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал намуда, самти нави илмии консепсияи падидавӣ-ҳуқуқии таърихи ҳуқуқи оилавии халқи тоҷикро пешниҳод менамояд. Муаллифи диссертатсия Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур бошад, барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

Бояд иброз дошт, ки тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Муқарризи расмӣ,
Мудири шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти
давлвт ва ҳуқуқи ба Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И. Ҳ.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, кӯчаи Асадулло Ғуломов, 13
Моб. тел: (+992 93) 510-77-11
Email: bobojonov_i@mail.ru

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Т.С.
«03» 03 2026

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.